# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна дар мавзуи “Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои “Нирмала” ва “Камомад”)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ)**

Таҳқиқи мавзуи **“Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои “Нирмала” ва “Камомад”)”**, дар адабиётшиносии тоҷик мавзуи нав ва боаҳаммият мебошад. Адабиёти ҳиндӣ яке аз адабиёти мардуми Ҳиндустон бо таърихи куҳан ва ғании худ аз дигар адабиёти халқҳои Ҳиндустон фарқ мекунад. Асарҳои адибони шинохтаи он, аз ҷумла асарҳои Робиндранат Тҳакур, Премчанд, Бҳатачария, Яшпал, Кришан Чандар ва ғайра ба забонҳоӣ гуногуни дунё, аз ҷумла забони тоҷикӣ тарҷума ва чоп шудаанд. Яке аз чунин нобиғаҳои адабиёти ҳиндӣ дар асри XX Премчанд (1880-1936) мебошад, ки асарҳои безаволи вай дар шакли ҳикояву роман ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр шудаанд. Аз ин ҷо хонандаи тоҷик ба эҷодиёти ин қаламкаши шуҳратёр кайҳо боз шинос аст. Бо таъсисёбии марказҳои ҳиндшиносӣ дар Тоҷикистон ҳиндшиносони тоҷик ба тарҷума ва омӯзиши масъалаҳои мухталифи адабиёти ҳиндӣ машғул мебошанд ва маҳсули кори онҳо дар шакли мақолаҳо ва рисолаҳои ҷудогона мунтазам ба табъ мерасанд.

Диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна оид ба ҳунари образофарии Премчанд дар мисоли ду романи машҳури адиб **“Нирмала”** ва **“Камомад”** мебошад. Тавре муаллифи рисола ёдовар шудааст, Премчанд, гарчанде ҳамчун ҳикоянависи бомаҳорат машҳур шуда бошад ҳам, заҳматҳои ӯ дар офаридани романи нави ҳиндӣ ҳам кам нест. Ин ду романи адиб, ки образи зан дар онҳо мавриди таҳқиқи Ёрова С. қарор гирифтаанд, дар Ҳиндустон зиёд машҳур мебошанд. Ба ин гуфтаҳо борҳо нашр шудани ин ду асар гувоҳанд.

Адибони гуногунзабони Ҳиндустон бахшида ба занҳо асарҳои зиёд навиштаанд, лекин миёни онҳо кам чунин адибоне ёфт мешаванд, ки мисли Премчанд образи зани ҳиндуро ин қадар пуртаъсиру хотирмон тасвир карда бошанд. Аз ин ҷо интихоби образи зан дар эҷодиёти Премчанд ҳамчун рисолаи номзадӣ бебаҳс дуруст мебошад ва заминаи густурдаеро дар ихтиёри диссертант гузоштааст, ки илова бар муқаддима, хулосаву рӯйхати адабиёт, масоили меҳвариро дар чор боб ва даҳ фасл баррасӣ намуда, натиҷаи ҷустуҷӯ ва пажӯҳишро бо мундариҷаи илмии мувофиқ манзур созад.

Омӯзиши Ҳиндустон ва мероси адибони шинохтаи он, албатта нав нест. Ҳанӯз устод Садриддин Айнӣ ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедилро омӯхта, ӯро ҳамчун намояндаи барҷастаи адабиёти форсизабони Ҳиндустон ба қалам додааст. Аммо кам муҳаққиқонро мебинем, ки ба омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти ҳамон адибоне машғул шуда бошанд, ки на ба забони форсӣ-тоҷикӣ, балки ба забонҳои дигари Ҳиндустон, аз ҷумла забонҳои ҳиндӣ, урду, банголӣ ва ғайра эҷод кардаанд. Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки муқаддимаи диссертатсия тибқи талабот шакл гирифта, дар ҳар бахш матолиби лозим аз рӯйи меъёрҳои мавҷуда дарҷ шудаанд. Диссертант оид ба Премчанд ва образи зан дар романҳои адиб бо истифода аз адабиёти илмӣ - таҳқиқотӣ таҳлилҳо анҷом дода, навиштаҳои худро дар хулосаи диссертатсия ҷамъбаст намудааст. То имрӯз дар Тоҷикистон муҳаққиқи дигаре асарҳои Премчандро ба таври монографӣ наомӯхта, Ёрова С. Н. нахустин муҳаққиқе мебошад, ки ин кори начандон осонро ба дӯши худ гирифтааст.

Боби аввал, ки **“Дараҷаи омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Премчанд”** ном дорад, аз ду фасл иборат мебошад. Дар фасли аввали ин боб дар асоси сарчашмаҳои илмӣ назари худро оид ба баъзе аз ин таҳқиқот баён кардааст. Миёни ин таҳқиқот диссертант ягон асари мукаммалеро пайдо накардааст, ки ба образи зан дар романҳои Премчанд бахшида шуда бошанд.

Боби дуюм **“Премчанд – асосгузори реализми танқидӣ дар адабиёти ҳиндӣ”** унвон гирифтааст. Ин боб низ аҳаммияти хоси худро дорад, зеро дар ҳама корҳои ба Премчанд бахшидашуда, адиб чун ҳикоянависи нотакрор ва асосгузори реализми танқидӣ дар адабиёти ҳиндӣ ном бурда мешавад. Баъдан роҷеъ ба ҳикоянависии адиб баҳо дода мешавад. Лекин дар бахши асосгузори реализми танқидӣ будани адиб, аслан хомӯшӣ ба назар мерасад, ки инро довталаб кӯшиш кардааст пурра намояд. Бобҳои сеюм ва чоруми рисола бобҳои асосии кори таҳқиқотии диссертант мебошанд. Дар ин бобҳо, вобаста ба офаридани образи зани ҳинду Премчанд ба кадом натиҷаҳо расидааст ва чаро маҳз ҳамин ду романи адиб - “Нирмала” ва “Камомад” диққати диссертантро ба худ ҷалб кардаанд, дарҷ гардидаанд. Диссертант ба хулосае омадааст, ки Премчанд аз олами хушбахтиҳо ва бадбахтиҳои қаҳрамонҳои худ хуб бохабар аст ва симои Нирмала ва Ҷалпа, зани ҳиндуи ҳамон солҳоро, ки онҳоро худ ҳар рӯз медид, бисёр ҳақбинона ва устодона тасвир карда, ба қалам додааст.

Хулосаи кор дар 16 нуктаи боварибахш ҷамъбаст шудааст. Маводи диссертатсияро ҳангоми омӯзиши давраи нави адабиёти ҳиндӣ ва навиштани таърихи адабиёти ҳиндӣ дар замони нав истифода бурдан мумкин аст.

Ҳарчанд ки дар автореферати диссертатсия дастовардҳои назаррас ба чашм расанд ҳам, барои такмили он пешниҳодҳои зеринро манзур месозем:

1. Ба андешаи мо агар образҳои таҳлилшуда бо образҳои ба ҳамин монанд дар адабиёти тоҷик муқоиса карда мешуд, боз ҳам ба манфиати кор мегардид.
2. Дар гунаи русии автореферат баъзе ноҷӯриҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошанд (автореф. с. 11, 23).
3. Саҳифагузории автореферат нодуруст сурат гирифтааст.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна дар мавзуи **“Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои**

**“Нирмала” ва “Камомад”)”** кори ба анҷом расида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Элбоев ВафоҶурақулович

**Нишонӣ:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
E-mail: Vafo_1965@mail.ru
Тел: +992 987600143, 935314408

Имзои В.Ҷ. Элбоевро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода Абдукарим

**Нишонӣ:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
E-mail: info@tgpu.tj;
Тел: +992 (37) 224 13 83
«06» декабри соли 2024